ПРОТОКОЛИ № 1
маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-092

аз 28 августи соли 2025 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои шуро __15__ нафар

**Раиси шуро:** Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 64/шд тасдиқгардида _15___ нафар иштирок доранд, ки аз инҳо __5__ нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя такрорӣ иҷозат додани диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D020600 - Диншиносӣ (6D020601 - Фалсафаи дин ва диншиносӣ)

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Муминов А.И ва аъзои комиссия Нурулҳақ Қ. Аҳмадов И оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимояи такрорӣ қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D020600 -Диншиносӣ (6D020601 - Фалсафаи дин ва диншиносӣ) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D020600 -Диншиносӣ (6D020601 - Фалсафаи дин ва диншиносӣ) ба ҳимояи такрорӣ қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил- доктори илмҳои фалсафа, муовини директори Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Арбобзода Баҳодур – номзади илмҳои фалсафа, и.в. мудири кафедраи сиёсатшиносӣ ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Данғара.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 13 ноябри 2025, соати $14^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - __15__ нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

**Якдилона қабул карда шуд..**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа Саид Н.С.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои фалсафа Ҳаитов Ф.Қ.